***Гурӯҳбандии объектҳо.***

Барои якбора бо якчанд объект иҷро намудани амалиёт аз функсияи гурӯҳбандӣ истифода бурдан муфид аст. Барои сохтани гурӯҳ зарур аст, ки аввал тугмаи **Shift**-ро пахшкунон якчанд объектро ба қайд гирем ва баъд банди **Гурӯҳбандии** менюи матнӣ ё менюи **Амалиёт** ва ё тугмаҳои




**Ctrl**, **Shift**, **G**-ро истифода барем.

Агар шумо ба сифати гузариши забонии сафҳакалид аз комбинатсияи **Ctrl**, **Shift** истифода намоед ва бинед, ки ин комбинатсия дар аксарият замимаҳо мавриди истифода қарор дорад, он гоҳ танзими гузариши забониро бо истифода аз тугмаи **Caps Lock** анҷом диҳед. Ин нисбатан пурмаҳсултар аст. Дар ин маврид бақайдгирии регистри гузариш аз рӯйи **Shift**, **Caps Lock** муайян карда мешавад.

Гурӯҳи эҷодшуда худро доимо ҳамчун якчанд объекти баргузидаи ягонаи ҷорӣ муаррифӣ менамояд. Бартарии гурӯҳ нисбат ба баргузини одии якчанд объект пеш аз ҳама дар тағйирнопазирии он аст. Ин имконияти фаромӯш кардани баргузини ягон объектро пеш аз гузаронидани амалиёт аз байн мебарад.

Бо ёрии банди **Гурӯҳҷудокунии** менюи матнӣ ё менюи **Амалиёт** ва ё комбинатсияи тугмаҳои **Alt**, **Ctrl**, **Shift**, **G** гурӯҳро аз нав ба объектҳои алоҳида тақсим кардан мумкин аст. Барои виройиши объектҳои ба гурӯҳ шомилбуда шарт нест, ки гурӯҳро тақсим кунем. Барои иҷрои ин амалиёт амалҳои ба гурӯҳ ворид ва аз он хориҷ шудан хизмат мерасонанд, ки онҳо бо ёрии бандҳои **Воридшавӣ ба гурӯҳ** ва **Содиршавӣ аз гурӯҳи** менюи матнӣ ё менюи **Амалиёт** ва ё тугмаҳои **F3** ва **Ctrl**, **F3**-и сафҳакалид амалӣ гардонида мешаванд.



Агар берун аз соҳаи гурӯҳ тавассути муш таъсири дукарата расонем, он гоҳ аз гурӯҳ содир ва баръакс, ба соҳаи объекти дилхоҳи дар гурӯҳ шомилбуда таъсири дукарата расонем, он гоҳ ба гурӯҳ ворид мешавем. Пас аз воридшавӣ ба гурӯҳ объектҳои ба он шомилнабуда нисбатан тираранг инъикос меёбанд. Ин амал барои он иҷро мегардад, ки объектҳои ба гурӯҳ тааллуқдоштаро аз объектҳои ғайр ба осонӣ фарқ

кардан ва таъмини имконоти речаи индикатсия ёфтани объектро дар гурӯҳ таъмин намудан мавҷуд бошад.



***Яксозии объектҳо.*** Ба мисли амали гурӯҳбандӣ амали яксозии объектҳо низ хеле осон иҷро мегардад. Барои яксозии якчанд объект зарур аст, ки аввал тугмаи Shift-ро пахшкунон якчанд объектро ба қайд гирем ва баъд банди **Яксозии** менюи матнӣ ё менюи **Амалиёт** ва ё тугмаҳои **Ctrl**, **Shift**, **K**-ро истифода барем.

Дар тафовут аз амали гурӯҳбандӣ, ҳангоми яксозӣ аз маҷмӯи объектҳои баргузида як объекти наве сохта мешавад, ки вай дорои хосиятҳои нав мебошад. Комбинатсияи ҳосилшуда ҳамчун мерос хосиятҳои объекти аз ҳама аввал сохташуда ё аниқтараш дар маҷмӯъ аз паси дигар объектҳо ҷойгирбударо қабул мекунад. Ба маҷмӯъ танҳо обектҳоеро ҳамроҳ кардан мумкин аст, ки онҳо ба каҷхати Безйе табдил дода мешаванд.

Дар мавқеъҳои буриши объектҳои комбинатсия сӯрохиҳои равшан пайдо мешаванд. Ин яке аз хосиятҳои амали яксозист, ки имконияти тақсимкунии комбинатсияро фароҳам меоварад.

Методи мазкурро инчунин барои муттаҳидсозии муваққатии объектҳо, пеш аз бо онҳо иҷро намудани амалҳои мантиқӣ, низ истифода бурдан мумкин аст. Комбинатсияи ҳосилшударо дар вақти дилхоҳ бо ёрии банди **Азҳамҷудокунии комбинатсияи** менюи матнӣ ё менюи **Амалиёт** ва ё тугмаҳои **Alt**, **Ctrl**, **Shift**, **K** ба объектҳои алоҳида ҷудо кардан мумкин аст.

Дар раванди яксозӣ баъзе навъи объектҳо ба каҷхати Безйе табдил дода мешаванд. Бинобар он новобаста ба он ки комбинатсияро ҳамеша аз нав ба объектҳо ҷудо кардан мумкин аст, амали яксозӣ пурра баргарданда нест.

***Амалҳои мантиқӣ бо объектҳо.*** OODraw имконият медиҳад, ки объектҳо мантиқан ҷамъ, тарҳ ва бурида шаванд. Барои иҷрои амалҳои мантиқӣ зарур аст, ки аввал тугмаи Shift-ро пахшкунон якчанд объектро ба қайд гирем ва баъд бо ёрии бандҳои **Ҳамҷоякунӣ**, **Тарҳкунӣ** ё **Бурриши** менюи матнии **Формаҳо** ё менюи **Амалиёт►Формаҳо** амали заруриро иҷро кунем. Дар натиҷа объекти нав сохта мешавад, ки вай аз байни объектҳои баргузида хосиятҳои объекти аз ҳама қаъртар ҷойгиршударо ба мерос мегирад.



Амалҳои мантиқӣ барнагарданда мебошанд. Бинобар он роҳи ягонаи лағви амалҳои мантиқӣ – ин истифода аз функсияи лағви OODraw ба шумор меравад, ки вай танҳо тавассути менюи **Виройиш►Лағв** ё комбинатсияи тугмаҳои **Ctrl**, **Z** дастрас аст.

***Номгузории объектҳо.*** Барои содагардонии кор бо расмҳои сохтори мураккабдошта дар OODraw ба баъзе навъи объектҳо имконияти номгузорӣ кардан пешбинӣ шудааст. Номи чунин объектҳо ҳар дафъа ҳангоми баргузиданашон дар лавҳаи ҳолатнамо пайдо мешавад. Ғайр аз ин, объектҳои номгузоришуда бо ёрии **Роҳнамо** ҳамчун ҷузъҳои алоҳидаи сохтори расм намойиш дода мешаванд. Амали номгузорӣ танҳо ба гурӯҳи объектҳо ё объектҳои гузошташуда, аз қабили расми растрӣ, объекти OLE, формула ва ғайра ҷойиз аст.




***Сабкҳои графикӣ.*** Ба мисли санади матнӣ, расм низ сабк дошта метавонад, вале танҳо як намуд – графикӣ. Сабки графикӣ аз маҷмӯи фарогирандаи қимати махсусиятҳои (атрибутҳои) тамоми объектҳои графикии мухталиф иборат аст. Ҳангоми ба ягон объект татбиқ намудани сабк, қимати хусусиятҳои ин объект мувофиқи нишондодҳои сабки мазкур аз нав муайян карда мешаванд.

Сабкҳои графикиро хусусан ҳангоми сохтани расмҳои мураккаби ҷузъҳои такроршавандадошта татбиқ намудан басо созгор аст. Онҳо ҳангоми нақшакашӣ, эҷоди схемаҳои гуногун, диаграммаҳо ва ғайра ивазнашавандаанд.

Барои сохтани сабкҳои графикӣ, модификатсияи онҳо, татбиқ ва ҳазфашон аз ҳама бехтар истифода бурдани **Моҳири сабкҳо** ба шумор меравад. Онро тавассути фармонҳои менюи **Формат►Сабк**, тугмаи **F11** ё афзори **Васл/Басти Моҳири сабкҳои** лавҳаи функсияҳо ба кор омода сохтан мумкин аст. Бо ёрии **Моҳири сабкҳо** объекти алоҳида ё гурӯҳи объектҳоро баргузида, ба воситаи пахши дукаратаи муш ба банди зарурии равзанаашон, сабки дилхоҳро ба осонӣ татбиқ кардан мумкин аст.

Барои тағйир додани худи сабк, кифоя аст, ки ба он ба воситаи муш таъсир расонем ва аз менюи поёнафтанда банди **Тағйирдиҳиро** баргузинем. Тағйирот дар сабк осори худро ба ҳамаи объектҳои графикие, ки ин сабк ба онҳо татбиқ шудааст, мегузорад.

**Саволҳо:**

1. Соҳаи объектҳои OODraw-ро чӣ тавр ба танзим овардан мумкин аст?
2. Хосиятҳои матнро дар OODraw чӣ хел тағйир медиҳанд? Хосиятҳои хатро чӣ?
3. Чӣ тавр дар OODraw мавқеъбандии объектҳоро анҷом додан мумкин аст?
4. Амали радифсозӣ аз амали мураттабсозӣ чӣ фарқ дорад?
5. Мавқеъбандии дақиқи объектҳо гуфта чиро мефаҳмед?
6. Объектҳои OODraw-ро чӣ тавр гурӯҳбандӣ кардан мумкин аст? Яксозӣ чӣ?
7. Бо объектҳо кадом амалҳои мантиқиро гузаронидан мумкин аст?
8. Оё объекти алоҳидаи OODraw-ро номгузорӣ кардан мумкин аст? Чӣ тавр?
9. Вазифаи **Моҳири сабкҳои OODraw** аз чӣ иборат аст?

 **Супориш:**

1. Матни мавзӯъро бодиққат хонед ва доир ба тарзҳои виройиши нуқтаҳо, танзими соҳаҳо, хосиятҳои хат ва матн, амалҳои радифбандӣ, мураттабсозӣ ва мавқеъбандии дақиқи объектҳо дар дафтаратон нақли хаттӣ нависед.
2. Бо истифода аз афзорҳои OODraw расми мактаб ва синфхонаи компютериатонро кашед ва ба онҳо тақвиятҳо бахшед.
3. Ҳамаи супоришҳои барои виройишгари графикии XPaint додашударо дар OODraw иҷро кунед.